# Б А Р Н О М А И

## идоравии зиддикоррупсионӣ дар Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015 - 2016

Мундариҷа

Муқаддима
1. Мақсад ва вазифаҳо
2. Мӯҳлат ва марҳилаҳои асосии татбиқи Барнома
3. Чорабиниҳои пешбининамудаи Барнома
4. Натиҷаҳои ниҳоӣ аз татбиқи Барнома
5. Механизми татбиқи Барнома

# Муқаддима

Муқовимат ба коррупсия қисми таркибии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, татбиқи он аз иродаи олии сиёсии роҳбарияти давлат оғоз мегардад.

Самаранокии муқовимат ба коррупсия аз иштироки фаъоли тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди амалигардии он вобастагии зич дорад.

Коррупсия яке аз зуҳуроти хавфноки ҷомеа буда, дар миқёси ҷаҳонӣ ҳамчун ҷинояти вазнин ва яке аз унсурҳои таҳдидкунанда ба амнияти миллӣ ва халалдоркунандаи рушду суботи иҷтимоию иқтисодии давлат эътироф гашта, ба пешрафти иқтисодиёт халал мерасонад, бунёди ҷомеаи демократиро заиф месозад ва ба рушди демократия таъсири манфӣ мегузорад. Гузашта аз ин, коррупсия дар ҷомеа ба риоя нашудани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон замина фароҳам меорад ва ба пояи ахлоқ зарба мезанад.

Мафҳуми муқовимат ба коррупсия фаъолияти тамоми мақомоти ҳокимияти давлатиро ҷиҳати ошкор, пешгирӣ ва бартараф намудани сабабу шароитҳои ба миён омадани ҳолатҳои ба коррупсия мусоидаткунанда, ошкор ва мубориза бо ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ бартарафсозии оқибатҳои номатлуби кирдорҳои коррупсионӣ ва таъмин намудани ҳуқуқу озодиҳо, баланд бардоштани сатҳи зиндагии шаҳрвандон, пешрафти иқтисодиёт ва таъмин намудани амнияти кишварро дар бар мегирад.

Таъсири номатлуби коррупсия дар раванди рушди иҷтимоию иқтисодӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ боварии шаҳрвандон ба институтҳои давлатии демократӣ, таҳияи сиёсати зиддикоррупсиониро дар миқёси умумимиллӣ талаб менамояд, ки бояд воситаи муттаҳидсозандаи саъйю кӯшиши мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҳамаи шакли моликият ва институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ гардад.

Бо мақсади андешидани чораҳои маҷмуии ташкилӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди мубориза бар зидди коррупсия, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.08.2013 сол, №1504 «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» тасдиқ гардид.

Ҷиҳати иҷрои банди 2-и Нақшаи чорабиниҳои татбиқи «Стратегияи муковимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» дар Агентии Тоҷикстандарт Барномаи идоравии зиддикоррупсионӣ барои солҳои 2015-2016 (минбаъд Барнома) таҳия гаштааст.

## 1. Мақсад ва вазифаҳо

Мақсади Барнома ташаккули низоми самаранокии хизмат, таҳкими интизоми хизматӣ, одоби касбӣ, пешгирии коррупсия дар Агентии Тоҷикстандарт ва боз ҳам баланд бардоштани нақш ва нуфузи мақомот дар ҷомеа мебошад.

Баланд бардоштани самаранокии муқовимат ба коррупсия, ташаккул додани маданияти ҳуқуқии кормандон, таъмин намудани шаффофияти фаъолияти Агентии Тоҷикстандарт мебошад.

Вазифаҳои Барнома инҳо мебошанд:

- муайян намудани заминаҳои пайдоиш ва хуруҷ ёфтани қонунвайронкуниҳои коррупсионӣ;

- таҳияи тадбирҳое, ки ба таъмини шаффофияти шахсони масъул равона карда шудаанд;

- таҳлили шаклҳои зоҳиршавии вайронкунии интизоми хизматӣ, одоби касбӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ дар Агентии Тоҷикстандарт;

- муайян намудани сабабу шароитҳои ба содиркунии чунин ҳуқуқвайронкуниҳо мусоидаткунанда (таҳлили хавфҳои коррупсия);

- таҳия (такмил) - и чораҳои таҳкими интизоми хизматию давлатӣ, одоби касбӣ ва пешгирии коррупсия дар Агентии Тоҷикстандарт.

## 2. Мӯҳлат ва марҳилаҳои асосии татбиқи Барнома

Барнома дар солҳои 2015 - 2016 татбиқ мегардад.

Мӯҳлат ва марҳилаи татбиқи Барномаи мазкур тибқи Накшаи чорабиниҳои Агентии Тоҷикстандарт барои солҳои 2015-2016 ҷиҳати татбиқи «Стратегияи муковимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020» муқаррар карда мешавад.

## 3. Чорабиниҳои пешбининамудаи Барнома

Барои ҳалли вазифаҳои Барнома чорабиниҳои зерин пешбинӣ гардидаанд:

- такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки фаъолияти Агентии Тоҷикстандартро дар самти интизоми хизматӣ, одоби касбӣ (Кодекси касбии одоб), тартиби қабул ба кор, ҷойивазкунии кадрҳо (ротатсия), аттестатсияи кормандон ба танзим медароранд;

- татбиқи ҷорабиниҳо доир ба роҳ мондани омӯзиши қонунҳои соҳавии Агентии Тоҷикстандарт ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешгирии коррупсия, поктинатӣ дар хизмати давлатӣ, одоби касбии корманди мақомоти Агентии Тоҷикстандарт;

- такмили таҳсили (тайёркунии касбӣ, азнавтайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомузӣ) кормандони Агентии Тоҷикстандарт;

- фароҳам овардани шароити моддию техникӣ барои фаъолияти самаранокии кормандон;

- андешидани тадбирҳои иловагӣ ва муфид ҷиҳати тарбияи кадрҳо, риояи интизоми хизматӣ, иҷроия ва маърифати зиддикоррупсионии кормандон;

- ҳангоми қабул интихоб ҷобаҷокунӣ ва ҷойивазкунии кормандон, баҳодиҳӣ ва арзёбии воқеии шахсияти номзадҳо, пешрафти хизматӣ, ҳавасмандгардонӣ ва татбиқи муҷозоти интизомӣ, баҳисобгирии фикри коллектив ва афзалияти сифатҳои ахлоқӣ, инчунин риояи талаботи Низомномаи Агентии Тоҷикстандарт ва Кодекси касбии одоби

хизматчии давлатии Агентии Тоҷикстандарт дар мадди аввал гузошта мешавад.

## 4. Натиҷаҳои ниҳоӣ аз татбиқи Барнома

Натиҷаҳои ниҳоие, ки аз татбиқи Барнома бармеоянд, инҳоянд:

- фаъолияти касбии кормандони Агентии Тоҷикстандарт дар асосӣ дастурамалҳои мансабӣ ба роҳ монда мешаванд;
- иҷрои босифати ӯҳдадориҳои мансабии кормандон ба шаҳрвандон ва ташкилотҳо таъмин мегардад;
- барои шаффоф ва таҳти назорати ҷомеа фаъолият намудани мақомот замина фароҳам оварда мешавад;
- самаранокии сиёсати кадрӣ дар низоми мақомот бо мақсади сифатан беҳтар намудани ҳайати кадрӣ таъмин карда мешавад.

## 5. Механизми татбиқи Барнома

Механизми асоси татбиқи Барномаи мазкур аз инҳо иборат аст:

- такмили низоми ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи иҷтимоии кормандони Агентии Тоҷикстандарт;
- ҷорӣ намудани технологияҳои замонавии иттилоотӣ бо роҳи иттилоотикунонии дастгоҳи марказӣ бо гузариш ба муомилоти электронии ҳуҷҷатҳо (ҳукумати электронӣ);
- чорабиниҳои ташкилӣ оид ба татбиқи Барнома.

Барномаи идоравии зиддикоррупсионии Агентии стандартизатсия, метрология сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015 - 2016 амалӣ карда мешавад.

## Сухроб Кодекс аз нав намешавад,ҳамин татбиқ карда шавад

Бо Фармоиши директори
Агентии стандартизатсия, метрология,
сертификатсия ва нозироти савдои
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз « 04 » ИЮЛИ соли 2016. № 70 ф/а
тасдиқ карда шудааст.

# КОДЕКСИ КАСБИИ ОДОБИ КОРМАНДИ АГЕНТИИ СТАНДАРТИЗАТСИЯ, МЕТРОЛОГИЯ, СЕРТИФИКАТСИЯ ВА НОЗИРОТИ САВДОИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ТОҶИКСТАНДАРТ»

1. Кодекси мазкур – ин маҷмӯи рафтори корманди Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Агентии Тоҷикстандарт) мебошад, ки хислати ахлоқии фаъолияти хизматӣ ва рафтори ғайрихизматии онҳоро танзим намуда, аз меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ, ки дар асоси он фаъолияти хизматӣ ва ғайрихизматии кормандони Агентии Тоҷикстандарт ба роҳ монда мешавад, иборат мебошад.

2. Кодекси касбии одоби корманди Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Кодекси мазкур) ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мазкур, муқаррароти дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

3. Кодекси мазкур бо мақсади дар сатҳи баланд ба роҳ мондани фаъолияти касбӣ ва ғайрикасбии кормандони Агентии Точикстандарт (марказҳои зертобеи он) ва баланд бардоштани обрӯи Агентии Тоҷикстандарт ва кормандони он дар ҷомеа, пешгирӣ ва аз байн бурдани омилҳои ба коррупсия мусоидаткунанда қабул гардидааст.

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

4. Корманди Агентии Тоҷикстандарт фаъолияти худро бояд дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии

Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини ченаки ягона», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартонӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ», Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси намояндагони Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, фармоишҳои директори Агентии Тоҷикстандарт ва қарорҳои ҳайати мушовараи Агентии Тоҷикстандарт ва меъёрҳои фитрии аз тарафи ҷомеа эътирофшудаи ахлоқӣ ба роҳ монад.

5. Корманди Агентии Тоҷикстандарт, ки ба хизмати давлатӣ дохил мешавад, ба Кодекси мазкур шинос шуда, вазифадор аст талаботи онро ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти хизматӣ ва ғайрихизматӣ риоя намояд.

6. Корманди Агентии Тоҷикстандарт бахри баланд бардоштани обрӯю эътибори Агентии Тоҷикстандарт ва кормандони он саъю кӯшиш намуда, ӯҳдадориҳои хизматӣ ва ғайрихизматии худро беғараз, одилонаву ростқавлона ба роҳ монад.

7. Корманди Агентии Тоҷикстандарт вазифадор аст, ки ҳангоми адои вазифаҳои хизматӣ ва берун аз он, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандонро, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун арзиши олӣ эътироф намудааст, пос дорад.

8. Корманди Агентии Тоҷикстандарт бояд эътибори фаъолияти худро дар Агентии Тоҷикстандарт пос дошта, аз ҳама гуна зуҳуроти номатлубе, ки метавонад боиси паст гардидани шаъну шарафи Агентии Тоҷикстандарт ва кормандони он мегардад, канорачӯӣ намояд.

9.Ҳангоми беасос айбдор намудани корманди Агентии Тоҷикстандарт дар содир намудани ҷиноят ва дигар кирдорҳои бадномкунанда, ӯ метавонад барои ҳифз ва нигоҳ доштани номи неки худ ба мақомоти дахлдор ва суд мурочиат намуда, бегуноҳии худро исбот намояд.

**Эзоҳ** [1] : Рафтори хизматӣ - рафтору амал ва муносибати хизматчии давлатӣ, ки ҳангоми ба кор омадан, аз кор рафтан, иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ, иштирок дар маҷлису машваратҳо, сафарҳои хизматӣ ва дигар чорабиниҳои давлатӣ зоҳир мегардад.

**Эзоҳ** [2] : Рафтори ғайрихизматӣ - рафтору амал ва муносибати хизматчии давлатӣ, ки ба иҷрои ӯҳдадориҳои мансабӣ иртибот надошта, берун аз ҷои кор дар ҷомеа зоҳир мегардад.

## 2. ПРИНСИПҲОИ ОДОБИ КОРМАНДИ АГЕНТИИ ТОҶИКСТАНДАРТ

10. Кодекси мазкур ба принсипҳои зерини одоби хизматчии давлатӣ, ки аз принсипҳои хизмати давлатӣ бармеоянд, асос меёбад ва корманди Агентии Тоҷикстандарт ӯҳдадор аст дар фаъолияти хизматӣ ва ғайрихизматӣ онҳоро ба роҳбарӣ гирад:

-қонуният - риояи дақиқ ва иҷрои пурраи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст;

- афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд - таъмини ҳифз ва мусоидат ба амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки арзиши олӣ мебошанд;

- садоқат ба Ватан ва ба халқи Тоҷикистон - ҳисси муҳаббат ба Ватан ва халқи Тоҷикистон, садоқат ба сиёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазифаи муқаддас донистани ҳифзи Ватан, хизмати содиқона ба Ватан ва ҷомеаи Тоҷикистон;

- инсондӯстӣ ва адолати иҷтимоӣ - эҳтиромона муносибат намудан ба инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он, ки арзиши олӣ мебошанд, одилона, бовиҷдонона амал намудан, таъмини риояи адолати иҷтимоӣ зимни қабули қарорҳо;

- шаффофият дар хизмати давлатӣ - фаъолияти шаффофи хизматчии давлатӣ ва пешниҳоди маълумот дар бораи он ба ҷомеа, аз ҷумла тавассути воситаҳои ахбори омма, ба ҷуз фаъолият ва маълумоте, ки сирри давлатӣ ва дигар сирри бо қонун ҳифзшавандаро ташкил медиҳад;

- таҳаммулпазирӣ - эҳтиром ва дуруст дарк намудани фарҳангҳои мухталиф, рафтор, одат, ақида, дин, эҳтиромона муносибат намудан бо ҳамкорон, мурочиаткунандагон, тобеон ва ҷомеа;

- поквиҷдонӣ ва беғаразӣ - татбиқи идоракунии самаранок, роҳ надодан ба бархӯрди манфиатҳо, амалҳои коррупсионӣ, аз рӯи таъинот ва ба нафъи умум истифода кардани воситаҳои моддию пулӣ, беғараз будан дар қабули қарорҳо;

- қатъият - муносибати сахтгирона доштан ва масъулият зоҳир кардан дар татбиқи вазифаҳои мақомоти давлатӣ ва ӯҳдадориҳои мансабӣ;

- касбият ва салоҳиятнокии хизматчии давлатӣ - доштани донишҳои мушаххаси касбӣ, тахассус, маҳорат, малака, сифатҳои ташкилотчигӣ, ташаббускорӣ, шахсӣ, қобилияти идоракунӣ, маҳорати роҳбарӣ ва ботаҷрибагӣ, ки асоси иҷрои муваффақонаи вазифаҳои мақомоти давлатӣ ва ӯҳдадориҳои мансабӣ мегарданд;

- баландравии мансабии хизматчии давлатӣ дар асоси қобилият, истеъдод, тайёрии касбӣ ва талаботи тахассусӣ - таъин (интихоб) гардидан ба мансаби дигар ё мансаби баланд бе роҳ додан ба хешутаборчигӣ, маҳалгароӣ ва пуштибонӣ ҳамчун зуҳуроти кирдорҳои коррупсионӣ.

11.Кодекси мазкур ба дигар принсипҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва меъёрҳои муқарраргардидаи рафтор низ асос меёбад.

## 3. ҚОИДАҲОИ РАФТОРИ ХИЗМАТӢ ВА ҒАЙРИХИЗМАТИИ КОРМАНДИ АГЕНТИИ ТОҶИКСТАНДАРТ

12. Корманди Агентии Тоҷикстандарт ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои хизматӣ ва берун аз доираи фаъолияти хизматиаш бояд:

- ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф, эҳтиром, риоя ва ҳифз намояд, ба таърихи кишвари худ, ба урфу одатҳои миллӣ ва фарҳангӣ эҳтиромона муносибат намояд, манфиати давлатро аз манфиати шахсӣ боло гузорад ва нисбати муроҷиати шаҳрвандон бодиққат ва бомасъулият муносибат кунад;

- аз истифодаи мақоми хизматӣ, зуҳури ғарази шахсӣ ва худнамоӣ дар нуқтаҳои савдо, хизматрасонӣ ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ худдорӣ намояд;

- маъракаҳои бодабдаба, ки бархилофи қонунгузорӣ оид ба танзими анъана ва ҷашну маросимҳо сурат мегиранд, нагузаронад ва ба сӯйистеъмоли нушокиҳои спиртӣ роҳ надиҳад;

- аз таъсири шаҳрвандони алоҳида, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ вобаста набошад.

-забони давлатиро донад, бо он озодона сухан ронад ва коргузории худро пурра бо забони давлатӣ ба роҳ монад ва барои омӯзиши забонҳои хориҷӣ (русӣ, англисӣ ва ғайра) кӯшиш намояд:

- ҳамеша ба такмили малака ва маҳорати касбии худ ҷаҳд намуда, донишҳои аёнӣ ва зеҳнии худро дар сатҳи дахлдор барои иҷрои вазифаҳои хизматиаш зарур нигоҳ дорад:

-муқарраротии қонунҳои амалкунандаи соҳавии Агентии Тоҷикстандартро, ки дар банди 4 Фасли 1 Кодекси мазкур зикр гардидааст, донад.

-ҳангоми гузаронидани корҳои назоратию санҷишӣ ташаббускорона рафтор намуда, барои мукаммал намудани қонунгузории соҳа ба роҳбарият пешниҳодҳо манзур намояд:

- дар омодасозии маводҳои санҷишӣ ба маълумотҳои бардуруғ роҳ надиҳад:

- тарзи либоспӯшии худро аз рӯи меъёрҳои муқарраргардида ба роҳ монад.

13. Корманди Агентии Тоҷикстандарт бояд одилона амал намояд. Ҳангоми қабули қарор ва амалӣ намудани ваколатҳои худ хизматчии давлатӣ ҳуқуқ надорад, ки дар асоси мансубияти миллӣ, нажодӣ, ҷинсӣ, забонӣ, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, таҳсил, вазъи иҷтимоӣ, молу мулк ва дигар асосҳо ба шахсе хилофи қонунгузорӣ бартарият ва имтиёз диҳад.

14. Корманди Агентии Тоҷикстандарт бояд ба урфу одатҳои миллатҳо таҳаммулпазирӣ ва арҷгузорӣ намуда, хусусиятҳои фарҳангӣ ё дигар хусусиятҳои гурӯҳҳои этникӣ ва иҷтимоиро ба инобат гирифта, ба созиши байни миллатҳо мусоидат намояд.

15. Корманди Агентии Тоҷикстандарт бояд дар фаъолияти касбии худ поквиҷдонона ва беғаразона амал намуда, ба шаъну шараф, обрӯю эътибори Агентии Тоҷикстандарт иснод наоварад.
16. Корманди Агентии Тоҷикстандарт ҳамчун хизматчии давлатӣ, ки вазифаи намояндаи ҳокимияти давлатиро ба ҷо меоварад ё ваколатҳои ташкилию амрдиҳӣ ва ё маъмурию хоҷагидориро анҷом медиҳад, ӯҳдадор аст, ки ҳангоми интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо дар мақомоти давлатӣ ба хешутаборчигӣ, маҳалгароӣ ва пуштибонӣ ҳамчун зуҳуроти кирдорҳои коррупсионӣ роҳ надиҳад.
17.Корманди Агентии Тоҷикстандарт, ки мансаби роҳбарикунандаро ишғол менамояд, бояд ҷиҳати риояи одоб ва ташкили шароити мувофиқ барои кори тобеони худ мусоидат намояд.
18. Корманди Агентии Тоҷикстандарт набояд то қабул намудани қарор, фармоиш, амр ё дигар қарори шахси мансабдор ё мақомоти давлатие, ки дар он фаъолият мекунад, маълумотро дар бораи онҳо, ҳамчунин иттилооти нопурра ва дурӯғро паҳн намояд ва ё барои гирифтани иттилооти хизматӣ, ки ба ваколати ӯ дохил намешавад, кӯшиш кунад.
19. Корманди Агентии Тоҷикстандарт дар доираи ӯҳдадориҳои мансабии худ бояд ба фаъолияти воситаҳои ахбори омма оид ба иттилоотонии ҷомеа дар бораи кори мақоми давлатӣ барои гирифтани иттилооти дақиқ, ки қонунгузорӣ пешбинӣ кардааст, мусоидат намояд.
20. Корманди Агентии Тоҷикстандарт набояд пешниҳоди шаҳрвандон, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ташкилотҳои касбӣ, намояндагони воситаи ахбори омма, ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятиро, ки ба талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифанд, қабул намояд.
21. Корманди Агентии Тоҷикстандарт бояд ҷиҳати роҳ надодан ба бархӯрди манфиатҳо, ҷиҳати танзими ҳолатҳои пайдошудаи бархӯрди манфиатҳо мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон чора андешад ва ҳаракатҳоеро, ки ба таъсири манфиатҳои шахсӣ, молумулкӣ (молиявӣ), тиҷоратӣ ва дигар манфиатҳо иртибот доранд ва барои бовиҷдонона иҷро кардани ӯҳдадориҳои мансабӣ монеа мешаванд, истисно намояд.
22. Корманди Агентии Тоҷикстандарт ҳамчун хизматчии давлатӣ бояд ба кирдорҳои коррупсионӣ муқовимат намояд, ҷиҳати пешгирӣ ва рафъи онҳо тадбирҳо андешад, ба гирифтан ва додани ҳар гуна тӯҳфаҳо барои иҷрои вазифаҳои мақомоти давлатӣ ва ӯҳдадориҳои мансабии худ, аз ҷумла ҳангоми дар сафари хизматӣ дар шакли моддӣ (пул, тӯҳфа) ва дар шакли ғайримоддӣ (хизматрасонӣ), ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ, роҳ надиҳад.
23. Корманди Агентии Тоҷикстандарт бояд ба роҳбари худ ё мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар бораи муроҷиати шахсон бо мақсади моил кардани ӯ барои содир намудани кирдорҳои коррупсионӣ маълумот диҳад ва аз иштирок дар амалҳое, ки беғаразии ӯ зери шубҳа қарор мегирад, даст кашад.

24. Корманди Агентии Тоҷикстандарт набояд вазъи хизматии худро барои таъсир расонидан ба фаъолияти мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият, шахсони мансабдор, хизматчиёни давлатӣ ва шаҳрвандон суйистифода намояд, дар аҳдҳо ва вазъияти ихтилофнок иштирок намояд.
25. Корманди Агентии Тоҷикстандарт бояд воситаҳои давлатии (шабакаи Интернет, шабакаи дохилӣ, почтаи электронӣ, телефон, факс, нусхабардор, дигар таҷҳизот, воситаҳои нақлиёти хизматӣ, арзишҳои моддию ғайримоддии) ба ӯ пешниҳодшударо барои манфиатҳои хизматӣ истифода намояд.
26. Корманди Агентии Тоҷикстандарт ӯҳдадор аст интизоми давлатӣ ва хизматиро риоя намояд.
27. Корманди Агентии Тоҷикстандарт ӯҳдадор аст, ки ҳар сол ба мақомоти андози маҳалли зист эъломия оид ба андоз аз даромад ва ба мақоми давлатии ҷои кор эъломия оид ба вазъи молу мулк пешниҳод намояд:
28. Корманди Агентии Тоҷикстандарт ӯҳдадор аст, ки дар вақти муқарраргардида ба кор ҳозир шавад, дар корҳои ҷамъиятӣ фаъолона иштирок кунад ва интизоми меҳнатро аз рӯи меъёрҳое, ки Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси мазкур пешбинӣ намудааст, амалӣ намояд.
29. Корманди Агентии Тоҷикстандарт ӯҳдадор аст:

- Урфу одат ва анъанаҳои халқу миллатҳои гуногунеро, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сукунат доранд, эҳтиром намояд, барои дӯстӣ ҳамбастагии ин халқу миллатҳо саҳмгузор бошад.
- Ҳангоми гузаронидани тӯй, анъана, ҷашн ва маъракаҳо муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро бо пуррагӣ риоя намояд.
- Берун аз адои вазифа аз мавқеи ҷойгиршавӣ ва мансаби хизматиаш сӯйистифода нанамояд ва шахсони дигарро ба таҳлука наандозад.
- Дар гирдиҳамоӣ ва роҳпаймоии ғайриқонунӣ, ки боиси вайрон гардидани тартиботи ҷамъиятӣ мегардад, иштирок нанамояд.
- Фарзандонашро дар рӯҳияи инсондӯстӣ, садоқат ба ватан ва ба халқу миллати Ҷумҳурии Тоҷикистон тарбия намуда, баҳри дар сатҳи дахлдор таълим гирифтани онҳо чораҳои таъхирнопазир андешад.

## 4. НАЗОРАТИ РИОЯИ КОДЕКСИ МАЗКУР АЗ ТАРАФИ КОМИССИЯ ОИД БА ОДОБИ ХИЗМАТЧИИ ДАВЛАТӢ

30. Назорати риояи Кодекси мазкур дар Агентии Тоҷикстандарт аз тарафи комиссия оид ба одоби хизматчии давлатӣ, ки бо фармоиши директори Агентии Тоҷикстандарт таъсис дода шудааст, амалӣ карда мешавад.

31. Комиссия оид ба одоби хизматчии давлатӣ дар Агентии Тоҷикстандарт фаъолияти худро дар асоси Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мазкур ва Низомномаи комиссия оид ба одоби хизматчии давлатӣ, ки бо фармоиши директори Агентии Тоҷикстандарт тасдиқ шудааст, ба роҳ мемонад.

32. Комиссия дар доираи салоҳияти худ аз натиҷаи муҳокима яке аз қарорҳои зеринро қабул намуда, ба директори Агентии Тоҷикстандарт пешниҳод менамояд:

- дар бораи ба ҷавобгарии интизомӣ кашидани хизматчии давлатӣ;
- дар бораи фиристодани мавод ҷиҳати баррасӣ ба мақоми ваколатдори давлатӣ;
- дар бораи қатъ намудани баррасӣ.

33. Ба вазифаҳои комиссия дохил мешаванд:

- амалӣ намудани назорати иҷрои муқаррароти Кодекси одоби хизматчии давлатӣ ва Кодекси мазкур дар Агентии Тоҷикстандарт;
- баррасии ҳолатҳои вайрон намудани муқаррароти Кодекси мазкур аз тарафи хизматчиёни давлатӣ;
- гузаронидани санҷиш ва рейдҳои ногаҳонӣ дар Агентии Тоҷикстандарт;
- доир намудани ҷаласаҳои комиссия;
- гирифтани баёноти шифоҳӣ ва хаттӣ аз хизматчиёни давлатии дахлдор оид ба масъалаи баррасишаванда;
- бо тартиби муқарраргардида талаб намудани ҳуҷҷатҳо, мавод ва иттилоот аз мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои дахлдор;
-ҷалб намудани коршиносон (экспертҳо), мутахассисон ва кормандони дахлдори мақоми давлатӣ барои пешниҳоди хулоса;
-баррасии шикоятҳои хизматчиёни давлатӣ нисбат ба қарорҳои комиссия;
- машварат додан ба хизматчиёни давлатӣ оид ба масъалаҳои одоб;
- гузаронидани чорабиниҳои омӯзишии Кодекси мазкур;
- фаҳмондадиҳии муқаррароти Кодекси мазкур.

## 5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

34. Риояи қоидаҳои Кодекси мазкур ӯҳдадории корманди Агентии Тоҷикстандарт буда, риоя накардани он боиси ҷавобгарии муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад.

35. Риояи меъёрҳои Кодекси мазкур ҳангоми гузаронидани аттестатсия, баҳодиҳии фаъолият, иштирок дар озмун, таъин (интихоб) кардани хизматчии давлатӣ ба мансаб, бо мукофотҳо сарфароз гардонидан, рутба додан, дохил кардан ба захираи кадрҳо барои ишғоли мансаби баландтар, таҳияи тавсифнома ё тавсиянома ва ҳангоми ба ҷавобгарии интизомӣ кашидан ба инобат гирифта мешаванд.

*Эзоҳ : Кодекси мазкур бо назардошти қабули Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2015, №591 ( таҳрири нав) мавриди қабул қарор дода шудааст.*